Фирӯза Хоҷаназарова

# Занбӯруғчинӣ



## Mushroom Gathering

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФОНДИ ОГОХОН

# Занбӯруғчинӣ



Душанбе
«Полиграф групп»
2018

ББК 84 тоҷик 7-4
Ҳ-99

Ҳ-99. Фирӯза Хоҷаназарова. Занбӯруғчинӣ.
Душанбе: «Полиграф групп», 2018, 16 саҳ.

ISBN 978-99975-301-6-5

© Ф. Хоҷаназарова, 2018
© С. Имодинова, 2018

Фараҳнозу Фароиз хостанд занбӯруғчинӣ бираванд.



Farahnoz and Faroiz wanted to go to the forest to pick mushrooms.

Фараҳноз ба Фароиз гуфт:
— Биё, Фархундаро ҳамроҳ мегирем!
Фароиз розӣ шуду гуфт:
— Биё, Фарзинро ҳам бо худ гирем!



Farahnoz said to Faroiz:
— Let’s take Farkhunda with us.
Faroiz agreed and said:
— Let’s take Farzin, too.

Баъди маслиҳат Фараҳнозу Фароиз ва Фархундаю Фарзин сӯҳбаткунон роҳи ҷангалро пеш гирифтанд.



Whilst chatting, Farahnoz, Faroiz, Farkhunda, and Farzin went into direction of the forest.

Бачаҳо ба ҷангал расида, ба занбӯруғчинӣ сар карданд. Дар муддати кӯтоҳ сабадҳоро аз занбӯруғ пур намуданд.



They arrived into the forest. Within a short period, they managed to fill their baskets with mushrooms.

Ногоҳ онҳо хирсеро диданд. Бисёр тарсиданд.
Хирс сӯйи онҳо меомад.
Бачаҳо сабадҳоро партофта, гурехтанд.



Suddenly, they saw a bear! They were frightened.
The bear was coming towards them.
The children dropped their baskets and run away.

Хирс сабадҳои занбӯруғро бардошта бурд.



The bear picked up the baskets full of mushrooms and went away.

Хаста аз гурезу тарс бачаҳо таги дарахте дам гирифтанд. Занбӯраке ғинг-ғинг дар болои сарашон давр заду аз ҳолашон пурсид. Онҳо воқеаро қисса карданд.

— Ман ба шумо ёрӣ мерасонам, — гуфт Занбӯрак.



The scared and tired children sat down to rest. A buzzing bee circled over their heads. She enquired about them. The children told the bee what had happened to them.

— I will help you, — said the bee.

Занбӯраку Хирс дӯстони ҷонӣ буданд.

Занбӯрак назди хирс омада гуфт: — Чаро дӯстони маро ранҷондӣ, ҷӯраҷон? Бачаҳо гулро дӯст медоранду парвариш мекунанд. Ман аз гул асал мегирам. Илтимос, сабадҳояшонро баргардон. Вагарна ба тую бачаҳоят дигар асал намедиҳам.



The bee and the bear happened to be best friends. The bee flew to the bear's place and said: — Hello my friend! Why did you upset my friends? The children like flowers and look after them. We make honey from the blossoms. I ask you to return the baskets please. Otherwise, I won't be able to give either you or your cubs any more honey.

Хирс нахост, ки бачаҳояш бе асал монанд.

Вай фавран сабадҳои занбӯруғро ба соҳибонашон баргардонд.



The bear did not like the idea of her cubs being left without honey. Therefore, he immediately returned the baskets full of mushrooms to their rightful owners.

Фароиз, Фарзин, Фараҳноз ва Фархунда сабадҳоро бардошта, сурудхонон ба хона рафтанд.



Faroiz, Farzin, Farahnoz and Farkhunda picked up the baskets. They sang happily as they went home.

Бачаҳо ба хона расиданд. Модаркалон сабадҳои пур аз занбӯруғро дида хурсандона гуфт:

— Имрӯз занбӯруғкабоб мехӯрем!



They reached home safely. Their grandmother saw the baskets full of mushrooms and said happily:

— Today, we'll have mushroom kebab for dinner!

Бачаҳо Занбӯраку Хирсро ҳам фаромӯш накарда, ба меҳмонӣ даъват карданд.



The happy children did not forget to invite the bear and the bee for a feast.

## Саволҳо:

Бачаҳо ба куҷо рафтанд?
Бо онҳо чӣ воқеа рӯй дод?
Занбӯрак чӣ кор кард?
Дар хона онҳоро чӣ интизор буд?
Бачаҳо киҳоро ба меҳмонӣ даъват карданд?

## Questions:

Where were the children going?
What happened to them?
How did the bee solve the problem?
Who was waiting for them at home?
Who else was invited for a dinner?

**Фирӯза Хоҷаназарова**

# Занбӯруғчинӣ

Мушовирон: Ирина Каримова, Лутфия Имматова, Кимё Сабзалиева
Мушовири байналхалқӣ — Гулзар Канҷӣ
Муҳаррирон: Ҷӯра Хошимӣ, Латофат Кенҷаева, Юсуфҷон Аҳмадзода
Тарҷумаи: Вафои Навкар, Брайэн Фурман
Мусавир — Сайёра Имоддинова
Ороишгар — Владимир Казберович

Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чоп 09.08.2018 имзо шуд. Андозаи 70×100/8.
Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 2. Адади нашр 5500 нусха.

Китоб дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
e-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj

**Ин китоб аз сайругашти якрӯзаи Фараҳнозу Фароиз ва Фархундаю Фарзин нақл мекунад. Бачаҳо ба занбӯруғчинӣ рафта, бо сабадҳои занбӯруғ ба хона омаданӣ буданд, ки ногоҳ аз куҷое як Хирс пайдо шуд...**

9789997530165

КИТОБЧА РОЙГОН ПАҲН МЕГАРДАД
NOT FOR SALE